**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаънoии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 343 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи **Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна** дар мавзуи «Сермаънoии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» ба доираи мавзуъ ва масоили пажуҳишие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ нишон дода шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами илми наҳви забонишиносии тоҷик аст, зеро омӯзиши амиқи вижагиҳои сохторӣ ва маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Аз ин рӯ, рисола ба таҳқиқи масъалаи мураккаб ва баҳсноки соҳаи мазкур сермаъноии ҷумлаҳои пайрави забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Масъалаи сермаъноӣ ё тобишҳои маъноӣ яке аз роҳҳои асосии муайян намудани навъи ҷумлаи пайрав буда, бунёди таснифоти дурусти ҷумлаҳои пайравро дар забони тоҷикӣ нишон медиҳад, зеро муайян кардани тобишҳои маъноӣ дар ҷумлаҳои пайрав боиси дуруст муайян кардани ҷумлаи пайрав мегардад. Ҷумлаи мураккаби тобеъ ҳамчун қолаби муҳимми ифодаи фикри яке аз мулоҳизаронимҳои мантиқӣ ва ҳадафмандонаи нутқи забони адабӣ буда, дар забоншиносии муосир яке аз масъалаҳои актуалӣ ба шумор рафта, мубрамии мавзуи таҳқиқро инъикос мекунад.

Агар ба таърихи омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки то ин замон муҳаққиқони бахши наҳви дар забоншиносии тоҷик, асосан, зимни таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави алоҳида ба масъалаи сермаъноӣ ишораҳо кардаанд, аммо дар таҳқиқоти давраҳои гуногун оид ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории ҷумлаҳои пайрав аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун мавзуи баҳснок

боқӣ монда, ба таври пурра баррасӣ нагардидааст. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи ин масъала аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки хусусиятҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва, сермаъноии синтаксисӣ, фарқи он аз тобишҳои семантикии ҷумлаи пайрав, нақши хелҳо ва тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрав дар муҳокимаронии мантиқӣ, таъсири омилҳои гуногуни маъноӣ ва сохтории ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҳамчунин вобаста ба махсусияти тафаккури мантиқӣ гуногун будани омилҳои сермаъношавӣ дар хелҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав бо мисолҳо аз насри бадеии муосир мушаххас ва шарҳ дода шудааст.

Дар муқоиса бо баъзе ҳодисаҳои дигари синкретӣ муҳим будани сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар шинохти он, нақши хелҳо, тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав зикр гардида, таъсири омилҳои гуногуни маъноӣ ва сохтории ҷумлаи мураккаб таҳқиқ карда шудааст. Ҳамчунин нишон дода шудааст, ки вобаста ба тафаккури мантиқӣ сермаъношавӣ ҷумлаҳои пайрав якхела набуда, вобаста ба робитаи мантиқии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, муносибати сабабу натиҷа, замон, шарт, хилоф, муайянкунандагӣ мешаванд. Ин ҷиҳати масъала дар хелҳои ҷумлаи пайрав ба таври алоҳида ва мукаммал таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Маврид ба зикр аст, ки масъалаҳои баррасишуда доир ба сохтор ва маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик нав буда, фарогирии ҷанбаҳои баҳсноки мавзуъ мебошанд. Ҳамчунин дар диссертатсия масъалаи полисемияи ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ таҳқиқ гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ М. А. Абдураҳмонова дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои мушаххас гузошта, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар 14 банд пешниҳод кардааст, ки онҳо ба омӯзиш, ташаккул ва таҳаввули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, воситаҳо ва омилҳои он бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои фаслу

бобии диссертатсияро инъикос намуда дар шинохти хели ҷумлаҳои пайрав аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он асоснок карда мешаванд, ки диссертатсия, таҳқиқи ҳодисаи сермаъноӣ (полисемия)-и ҷумлаҳои пайравро дар забони адабии муосири тоҷикро дар бар гирифта, хусусият, омилҳои сермаъношавии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва ва зоҳиршавии онҳоро дар забони адабии тоҷикӣ дар заминаи насри бадеии муосири тоҷик ошкор менамояд. Маълумот ва сарчашмаҳои диссертатсия мукаммалу мушаххасанд.

Ҳамчунин, ҳаҷми маводди дар диссертатсия баррасигардида, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 –Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад. Пажуҳиш ва омӯзиши сарчашмаҳои илмию бадеӣ ба интихоби дурусти методҳои таҳқиқу баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, то хулоса ва тавсияҳои боэътимод баровroutine, масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайравро дар забони тоҷикӣ дуруст ва мушаххас муайян намояд.

Тавсия ва хулосаҳои дар диссертатсия дарҷгардида, инчунин, истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ аз тарафи диссертант илман амиқу дақиқ асоснок карда шудаанд ва метавонанд дар таҳқиқи хусусиятҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, масъалаҳои гуногуни синкретизм дар онҳо, аз ҷумла, муносибатҳои муродифот, зидмаъноии синтаксисӣ, таҳияи дастуру васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Кори диссертатсионии М.А. Абдураҳмонова ва натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқии он метавонанд дар самтҳои омӯзиши масъалаҳои назарӣ ва амалии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои пажуҳиш ва рӯйхати

адабиёт иборат буда, мазмуни таҳқиқ дар ҳаҷми 343 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод шудааст.

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **«Масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** унвон дошта, аз 4 фасл таркиб ёфтааст

Дар фасли якуми боби мазкур таҳти унвони **«Масъалаҳои назарии сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** таҳқиқоти забоншиносӣ вобаста ба масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ва хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии он бозбинӣ шудааст.

Дар ин фасли диссертатсия оғози омӯзиши ҷиддии масоили сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷику форс баррасӣ гардида, аз ибтидои омӯзиш ва таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ сар карда, сермаъношавии ҷумлаҳои пайрав, восита ва омилҳои зуҳури онҳо, ки мавриди пажуҳишҳои олимони ҷудогона қарор гирифтаанд,таҳқиқ гардидаанд. Ба андешаи диссертант «Азбаски таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ ба забони тоҷикӣ ба таври муназам танҳо баъд аз инқилоби октябр сурат гирифт, оғози таҳқиқоти масъалаҳои гуногуни грамматикаи забони тоҷикӣ низ аз ҳамон давра зуҳур меёбад ва дар аввалин китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ишораҳо хеле ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки бешубҳа, ба таҳқиқоти нисбатан дақиқи солҳои баъдина замина гузоштаанд. Муаллифони ин таълифот аз хусуси сермаъноӣ бевосита чизе нагуфта бошанд ҳам, назари онҳо дар мавриди роҳу воситаҳои алоқа ва зикри маънои аъзоҳои ҷумла ва ҷумлаҳои пайрав муҳим аст» (Диссертатсия, с.28-29).

Дар фасли дуюми боби аввал таҳти унвони **Давраи аввали омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** давраи аввали таҳқиқи грамматикаи забони тоҷикӣ ва кӯшишҳои нав дар сохтори наҳви забони тоҷикиро, ки ба оғози солҳои чилуми асри XX

рост меояд, дар бар мегирад. Дар он аввалин грамматикаҳо ва силсилаи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ доир ба наҳв, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф пас аз таҳлили грамматикаҳо ва китобҳои дарсии марҳилаи аввал чунин нигоштааст: «Давраи аввали омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва тобишҳои маънои онҳо асосан, аз ишораҳое иборатанд, ки бо масъалаи муайян кардани маънои ҷумлаи пайрав, воситаи алоқаи байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, бар эзоҳи кадом аъзои сарҷумла омадани ҷумлаи пайрав алоқамандӣ доранд. Аз ҷониби дигар ин масъала, агар дар забоншиносии рус бештар бо таҳқиқоти илмии ҷумлаҳои мураккаб вобастагӣ дошта бошад, дар забоншиносии тоҷик асосан, ба таълифи дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ иртибот дорад» (Диссертатсия, с.52).

Дар фасли сеюми боби аввал зери унвони **«Давраи дуюми омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** масъалаҳои сермаъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ ба солҳои 60- уми садаи XX нисбат дода шудааст, ки муҳаққиқ таҳқиқоти забоншиносони русро аз қабили В. А. Белашапкова, А. Н. Гвоздев, А. К. Федоров, С. И. Дружинина ва забоншиносони тоҷик Х. Ҳусейнов, М. Н. Қосимова, Д.Т. Тоҷиев ва дигаронро баррасӣ ва таҳлил намудааст. Ба андешаи муаллиф, «омӯзиши масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии тоҷик нишон медиҳад, ки илми забоншиносии тоҷик марҳала ба марҳала дар заминаи донишҳои назариявӣ ва амалии ҷамъовардашуда дар давоми даҳсолаҳо ташаккул ёфта, ба як мактаби бузурги илмию методӣ табдил ёфтааст» (Диссертатсия, с.82).

Дар фасли чоруми боби аввал таҳти унвони **«Меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик»** асарҳои зиёди муҳаққиқони рус, тоҷику форс мавриди пажуҳиш шуда, назару андешаи онҳо дар таснифи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ оварда шудааст. Ба андешаи муаллифи рисола «Таснифоти ҷумлаҳои пайрав масъалаи хеле мураккаб ва баҳсталабе ба шумор меравад, ки ҳанӯз ҳам ба омӯзиши амиқтар ниёз дорад.

Он ҳамчун масъалаи хеле вобаста ва узвӣ дар шинохти маъно, тобишҳои маъноӣ, сермаъноии ҷумлаи пайрав аст, зеро маҳз принсипи таснифоти дурусти ҷумлаҳои пайрав барои шинохти маънои ҷумлаи пайрав мусоидат менамояд» (Диссертатсия, с.101).

**Боби дуюми** диссертатсия **«Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва дар забони адабии тоҷикӣ»** ном дорад. Дар фасли якуми боби мазкур таҳти унвони **«Баъзе масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузв»** зикр мегардад, ки муҳаққиқон ба гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави якузва, ки бар эзоҳи як ё гурӯҳи аъзоҳои сарҷумла меоянд, ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ба гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави дуузва ҷумлаҳои пайрави ҳолро, ки бар эзоҳи тамоми сарҷумла меоянд, мансуб медонанд. Муҳаққиқ масъалаи сермаъноии ҷумлаи пайравро ба табиати онҳо вобаста диниста, яке аз масъалаҳои муҳиммро дар мавриди тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрав дар фарқ кардани тобиши маънои синтаксисӣ ва семантикӣ медонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ қайд кардааст, ки «тобиши маънои синтаксисии ҷумлаҳои пайрав аз ҳодисаи сермаъноӣ сар мезанад ва ба омилҳо ва воситаҳои муқарраршудаи наҳвӣ асос ёфтааст, аммо дараҷаи зоҳиршавии ифодаи маъноро дар ҷумлаҳои пайрав на тобиши маънои синтаксисӣ, балки тобиши семантикӣ гуфтан дуруст мебуд» (Диссертатсия, с.107-108). Муаллифи рисола барои асоснок кардани фикраш ин ҳодисаҳои забониро дар ҷадвал тасвир намудааст, ки ин аз ҷолибияти мавзуъ дарак медиҳад.

Дар фасли дуюми боби дуюм таҳти унвони **«Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва тобишҳои маънои иловагии он»** ҷумлаи пайрави сермаъно ва серистеъмол будани он таҳлил шудааст. Ҳангоми таҳқиқ ёздаҳ тобиши маъноии ҷумлаи мазкур бо мисолҳои мушаххас нишон дода шуда, воситаҳо ва омилҳои сермаъношавии онҳо ошкор карда шудааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм таҳти унвони **«Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда ва тобишҳои маънои иловагии он»** яке аз қолабҳои маъмулу серистеъмол будани он дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва бо хусусиятҳои сохторӣ ва маъноияш аз ҷумлаҳои пайрави дигар фарқ доштанаш қайд шудааст. Дар ҷумлаи пайрави пуркунанда тобишҳои зиёди маъноӣ мушоҳида шудааст. Аз хулосаи муаллиф бармеояд, ки «ҷумлаҳои пайрави пуркунанда бо вуҷуди хусусиятҳои устувори грамматикӣ ва семантикӣ доштанашон тобишҳои гуногуни маъноӣ, махсусан ҳолӣ гирифта метавонанд, аммо нишонаи асосии онҳо саволест, ки сарҷумла талаб мекунад» (Диссертатсия, с.146).

Дар фасли чоруми боби дуюми диссертатсия зери унвони **«Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мубтадо ва тобишҳои маънои иловагии он»** тобишҳои маънои гуногун доштани ҷумлаи пайрави мазкур, бештар тобиши натиҷа ва шарт гирифтани он, ки ба туфайли мутобиқати шаклҳои феълӣ-хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав зоҳир мешавад, қайд гардидааст. Муҳаққиқ роҷеъ ба ин масъала чунин назар дорад: «Ҳангоми омӯзиши ин гурӯҳи ҷумлаҳо мо омезиши онҳоро бо ҷумлаҳои пайрави пуркунанда, муайянкунанда ва гоҳо ҷумлаи пайрави шарт мушоҳида мекунем. Мавҷудияти чунин ихтилофи назар зарурати таҳқиқи амиқи ҷумлаи пайрави мубтадоро аз нигоҳи тобишҳои маъноӣ муҳим мегардонад» (Диссертатсия, с.149).

Дар фасли панҷуми боби дуюм таҳти унвони **«Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хабар ва тобишҳои маънои иловагии он»** муҳаққиқ сермаъношавии ҷумлаи пайрави хабарро ба ду омил вобаста медонад: бо ҷонишинҳои ишоратӣ ва калимаҳои ҳамнисбати таркиби сарҷумла, ки маънои умумӣ дошта, чун ҷузъи асосии хабари сарҷумла, аз паҳлуҳои гуногун эзоҳ меёбанд; дуюм пайвандаки муштараквазифаи «ки» барои пайдо шудани тобиши иловагии маъно.

**Боби сеюми** диссертатсия «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва» ном дошта, аз 11 фасл иборат аст. Фасли якуми боби мазкур «Доир ба

масъалаҳои омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносии тоҷик» номгузорӣ шуда, дар он ба яке аз масъалаҳои муҳим доир ба таснифи ҷумлаҳои пайрави ҳол фикру мулоҳизаҳо баён шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ: «Масъалаи омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол аз солҳои сиюми садаи XX то имрӯз идома дорад ва дар мавриди хелҳои ҷумлаи пайрави ҳол то охирин таҳқиқоти анҷомёфта хулосаи ягона нест, зеро дар мукаммалтарин ҷумлаҳои пайрави ҳол шумораи онҳо якхела нишон дода намешавад» (Диссертатсия, с.176).

Дар боби мазкур ҳодисаи сермаъноӣ дар ҷумлаҳои пайрави ҳол ва омилҳои сермаъношавии онҳо нишон дода шудааст, ки бо мисолҳои мушаххас таҳлил гардидаанд.

Яке аз муҳиммияти диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки тамоми мисолҳо аз асарҳои бадеии нависандагони муосир оварда шуда, ҳодисаи сермаъноӣ дар ҷумлаҳои пайрав бо таҳлилҳои муътамад нишон дода шудаанд.

Қисмати ҷамъбасти диссертатсия хулосаҳои муаллифро дар бар мегирад.

**Хулоса** аз 22 банд иборат буда, дар он муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳлил ва баррасии сермаъноии ҷумлаҳои пайрав меъёри таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба он алоқаманд медонад, зеро дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ омилҳое мавҷуданд, ки маънои ҷумлаи пайравро тақвият мебахшанд. Дар меъёри таснифоти ҷумлаи пайрав, ки дар забоншиносии муосир се меъёрро аз сар гузаронидааст, ҳамеша масъалаи хусусиятҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав дар мадди назар гирифта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назарии кори диссертатсионии мазкур дар он аст, он диссертант сермаъноии ҷумлаҳои пайраверо таҳлилу баррасӣ кардааст, ки барои такомули нутқ муҳиманд. Довталаби дараҷаи илмӣ умдатарин масоили назарии марбут ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикиро баррасии илмӣ намудааст. Матолиби назарии дар кори таҳқиқӣ бознигаришуда барои

баррасиҳои минбаъдаи ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ мусоидат карда метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаи корро метавон дар таҳияи дастурҳои таълимию китобҳои дарсӣ, баргузор намудани курс ва семинари назарию амалӣ доир ба синтаксис истифода намуд. Вижагиҳои назарии диссертатсияро унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони наҳв истифода карда метавонанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 28 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз ин номгӯй 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбат, ки дар тақриз баён гардиданд, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо, ҳолтаҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоию техникӣ ва грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар бахши «Сарчашмаҳои таҳқиқ» (саҳ.14) ба ҳамчун манбаъ номи асарҳои 7 нависандаи муосири тоҷик ( С. Айнӣ, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Ф. Муҳаммадиев, А. Самад, К. Мирзоев, У. Кухзод) зикр шуда, номи

Нависандаи халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил ва асарҳои ӯ қайд нашудааст, аммо дар бахши «Сарчашмаҳо»-и рӯйхати адабиёти истифодашуда 34 адабиёти бадеӣ оварда шудааст. Ҳоло он ки дар диссертатсия аз романи «Шӯроб» мисолҳо фаровон истифода шудаанд.

2. Агар дар диссертатсия басомади ҷумлаҳои пайрав ба тариқи диаграмма дар доираи як асари алоҳидаи бадеӣ таҳқиқ ва нишон дода мешуд, арзиши илмии диссертатсия афзунтар мегардид;
3. Дар диссертатсия такрори ҷумлаҳо ва мисолҳо ба назар расиданд (Диссертатсия, с. 101, 302, 303).
4. Иқтибосҳо дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия хеле зиёданд (саҳ.73, 79, 96,105, 109, 149, 166, 249,254);
5. Дар «Рӯйхати адабиёт» мақола ва китобҳое оварда шудаанд, ки ба мавзуъ пайвандии кам доранд (адабиёти №81, 136, 217, 250) ё дастури таълимӣ буда ( адабиёти №265,279, 280, 291) арзиши илмиашон камтар аст.

Эродҳои зикршудаислоҳшавандаанд ва арзиши илмию амалии кори таҳқиқии Абдураҳмонова Мастура Амиралиевнаро кам намекунанд. Онҳоро метавон зимни таҳия ва нашри монография ба назар гирифт.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-методии

Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСИС» дар шаҳри Душанбе    Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович

Нишонӣ: шаҳри Душанбе,
кӯчаи Фирдавсӣ, 62, хонаи 9
Телефон: (+992) 900 82 28 82;
Суроғаи электронӣ: aa.nozimov@mail.ru
«22» сентябри соли 2025

Имзои А.А. Нозимовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кардҳо    Зарипова Малика Аҳроровна

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Нишони муассиса:
734042, шаҳри Душанбе, кӯчаи. М.Назаршоев, 7
(+922 37) 2 22 2009
E- mail: df@misis.ru, ttucdo@mail.ru

«22» сентябри соли 2025